# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик**

Парвандаи аттестатсионии №21

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 26 декабри соли 2019**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик.

Диссертатсияи Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна дар мавзӯи «Рӯзгор ва осори Мирзо Қадам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Диссертант Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна, соли таваллудаш 1978, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Солҳои 2002-2005 дар Коллеҷи омӯзгории ш.Кӯлоб таҳсил намуда, солҳои 2005-2008 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Аз соли 2009 то 2017 дар кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика ва методикаи таълими забон ва адабиёти ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намудааст.

Аз 2018 то ҳол дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Икромов Искандар - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Саидҷаъфаров Озод** -доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Молия ва Иқтисоди Тоҷикистон;
- **Шарипов Шарифҷон Раҳмонович** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Дар такризи муассисаи пешбар** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омадааст, ки солҳои охир ба шарофати истиқлолияти давлатӣ дар адабиётшиносии муосири тоҷик омӯзиши ҳаёту эҷодиёт ва нашру таҳқиқи осори шоирони то ҳанӯз шинохтанашуда, ки дур аз марказҳои асосии адабӣ дар музофот зиндагӣ карда, ба эҷоди асарҳои манзуму мансур машғул шуданд, чун шохаи ҷадиди пажӯҳиш вусъат ёфтааст. Мавзӯе, ки мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, бешубҳа, мубрам буда, барои илми адабиётшиносии тоҷик аҳамияти назарӣ ва амалӣ дошта, дар таҳқиқи аҳволу осори шоирони муҳити адабии Роғ ва нақши онҳо дар раванди инкишофи адабиёти тоҷик дар давраи мавриди баҳс, ба вижа дар омӯзиши рӯзгор ва осори Мирзо Қадам таҳқиқоти тоза маҳсуб мешавад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро кардааст ва як кори пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ комилан, мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кори илмӣ хеле муфиданд, аз ҷумла:

Арзиши кори диссертатсионии Мирзораҳматова Г.М. дар сурати кунунӣ бебаҳс аст, вале дар матни рисола баъзе норасоӣ ва иштибоҳоте ҷой доранд, ки минбаъд ба назари эътибор гирифтани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

- Байни вазифаҳои таҳқиқ ва муҳтавои асосии масъалаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда фарқе нест. Ин бахши диссертатсия ва фишурдаи он мувофиқи мақсад нест.
- Боби дуюми диссертатсия ва баррасии масъалаҳои мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори Мирзо Қадам бахшида шудааст, вале фаслҳои якуму сеюм ва як зерфасли он аз назари банду баст ва сохтору муҳтавои ба масъалаи асосӣ чандон алоқаманд нестанд.
- Масъалаи хусусиятҳои сабкӣ дар боби диссертатсия баррасӣ шудааст, вале унвонҷӯ дар таъйини мухтассоти сабкии ашъори Мирзо Қадам ҳамаи вижагиҳоро ба эътибор нагирифтааст.
- Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва мантиқӣ дида мешавад, ки ин ҳусни корро то андозае коҳонидааст.
- китобномаи диссертатсияро мутобиқ ба талаботи ВАК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳ бояд намуд.

Диссертатсияи Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна, дар мавзӯи «**Рӯзгор ва осори Мирзо Қадам**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Диссертант 6 мақола ба табъ расонидааст, ки ҳамаи он дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудааст ва 2 номгӯйи дигар фарогири мавзӯъ ва муҳтавои асосии диссертатсия буда, дар маҷмӯаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунин аст:

1. Мирзораҳматова Г.М. Доираи адабии Роғи охирҳои асри X1X ва ибтидои асри XX-и тоҷик // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Душанбе: №5.2012, с. 82-87.
2. Мирзораҳматова Г.М. Қасас-ул-анбиёи манзуми Мирзо Қадам. // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷаллаи илми. Душанбе: №1.2013, с. 108- 113.
3. Мирзораҳматова Г.М. Масоили иҷтимои ва ахлоқӣ- мавзӯъҳои маркизии ашъори Мирзо Қадам. Мирзорахматова Г.М. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Серияи Филология. –Душанбе: Сино, 2014. №4/2(133). С.264-273.

4. Мирзораҳматова Г.М. Андешаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ дар ашъори ғиноии Мирзо Қадам Мирзораҳматова Г.М. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Серияи Филология.- Душанбе: сино, 2016. №4/4(206). С.246-250.
5. Мирзораҳматова Г.М. Зиндагиномаи шоир Мирзо Қадам. Мирзораҳматова Г.М. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Серияи Филология. –Душанбе: Сино, 2015. -№4/1 (159). С.220-224.
6. Мирзораҳматова Г.М. Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии осори адабии Мирзо Қадам// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Серияи Филология. –Душанбе: Сино, 2019 -№ 6. С.232.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Ҳусейнзода Фарҳод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз мусбат буда, дар он зикр шудааст, ки омӯзиши рӯзгор ва осори Мирзо Қадам аз

масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб меёбад. Дар баробари муҳассаноти мазкур дар рисолаи Мирзораҳматова Г.М. баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, киислоҳи онҳо фазилатҳои илмию пажӯҳишии рисолаи мазкурро меафзояд:

-Беҳтар аст, ки дар фишурдаи диссертатсия унвонҷӯ мулоҳизаҳои худро дар бораи робитаи ҳавзаҳои адабии зиндагии Мирзо Қадам дар радифи маводи тахлилкардааш баён менамуд.

-дар автореферат ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасад.

**Назарзода С.** – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири шуъбаи фарҳангнигори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тақриз мусбат буда, муқарриз қайд мекунад, ки дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Мирзораҳматова Г.М. «Рӯзгор ва осори Мирзо Қадам» навгониҳо, бартариҳо ва дастовардҳои хуби илмӣ дорад. Новобаста аз дастовардҳо ва бартариҳо дар автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

-унвони боби аввали рисола «Ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабии Мирзо Қадам» дар шакли «Зиндагӣ ва мероси адабии Мирзо Қадам» номгузорӣ мешуд, хуб буд.

-дар фишурда ду ҳуруф истифода гардидааст, ҳуруфи маъмулӣ ва курсивӣ. Ба ҳуруфи курсивӣ мисраъҳои шеърӣ, худи ифодаи фаслу зерфасли навишта шудаанд, ки зарурат надорад.

-дар такя ба «Қасас-ул-анбиё» як фаслу ду зерфаслро бахшида бо номҳои «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам (фасли сеюми боби аввал), сохту муҳтавои «Қасас-ул-анбиё»-и манзум ва «Аҳамияти тарбиявии «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам таълиф намудааст.

-дар автореферат камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасад.

**Ҳазратқулова Нафиса**- номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тақриз мусбат буда, зикр шудааст, ки фишурдаи рисолаи Мирзораҳматова Г.М. моҳияти асосии рисоларо комилан ифода мекунад, бо вуҷуди ин автореферат аз баъзе камбудӣ орӣ нест:

- дар рисола камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

**Суфиев Ш.З.-** доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Китобхонаи марказии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, таъкид мешавад, ки унвонҷӯ ҳадафҳои дар наздаш гузоштаро пурра анҷом додааст. Дар баробари дастовардҳои зиёд дар диссертатсияи мазкури Мирзораҳматова Г.М камбудиҳо ба назар мерасанд:

- Хулосабарории ҳар фаслу зерфаслҳо то андозае риоя нашудааст.

-Рисола аз ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ орӣ нест.

**Шамсов Нурмад Сироҷович**- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДЗТ ба номи С.Улугзода. Тақриз мусбат буда, таъкид мешавад, ки андешаронии муаллиф, мавқеи гузоришҳои илмӣ, истифодаи асноди адабӣ, қиёсӣ- мантиқии онҳо ва хулосабарорӣ, симои эҷодии шоир Мирзо Қадамро ба таври пурраву комил собит намудааст. Вале зикр менамояд, ки новобаста аз дастовардҳо ва бартариҳо дар автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

-дар саҳифаҳои 9 ва 15 фишурда хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расид, киислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад;

- дар сахифаи 16, дар калимаи “дирҳам” вазни шеърӣ хато буда, ба ҷои ҳиҷои дароз дар ҳиҷои сеюми ин калима ҳиҷои кӯтоҳ омадааст.

муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи адабиётшиносӣ, ба вижа адабиёти муосири тоҷик буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз донишгоҳҳои бонуфузи илмии соҳаи филология дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи адабиётшиносӣ, бахусус адабиёти муосир хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки муҳаққиқ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон оид ба рӯзгор ва осори Мирзо Кадам ва дигар масоили вобаста ба мавзӯъро ба таври дақиқ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

**Пешниҳод шудааст**, ки ба раванди инкишофи адабиёти тоҷик доираи адабии Роғ дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX вобаста ба ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии давр таъсир дорад. Бешак, ин ба лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаёти Мирзо Қадам алоқаманд аст. Таҳлилу баррасии осори лирикии шоир нишон дод, ки устухонбандии ашъори шоир аз ҷиҳати мавзӯъ, муҳтаво ва мундариҷаи ғоявӣ масъалаи мавриди баррасиро дуруст ифода мекунад. Таҳқиқи «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми шоир аз нигоҳи мавзӯъ, мундариҷа ва ғоя дорои аҳамияти муҳими тарбиявӣ- ахлоқӣ буда, дар тарбияи насли навраси ҷомеа нақши бориз дорад.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот.** Омӯзишу пажӯҳиши масоили мавриди назар дар адабиётшиносии тоҷик, аз ҷумла зиндагинома ва мероси адабии Мирзо Қадам ва равшан намудани ҳавзаи адабии Роғ, ки охири асри XIX ва аввали асри XX ҷойи махсус дошт, муфид ва аҳамиятнок шуморида мешавад. Аз таҳқиқ бармеояд, ки дар ин ҳавзаи адабӣ равияи адабиёти давраи классикӣ ҳамоно идома доштааст. Жанрҳои анъанавӣ – ғазал, рубоӣ инчунин таълифи маснавиҳои динӣ- тасаввуфӣ давом ёфтааст, ки намунаи ин "Қасас-ул-анбиё"-и манзуми Мирзо Қадам маҳсуб меёбад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Маводи диссертатсия зимни таҳияи асарҳои илмӣ доир ба таърихи адабиёти тоҷик, китобҳои дарсӣ ва навиштани рисолаву мақолаҳои илмиву оммавӣ, аз ҷумла дар рафти таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти адибони дигар арзишманд дониста мешавад. Илова бар ин, дар омӯзишу пажӯҳиши дигар ҷиҳатҳои осори Мирзо Қадам, инчунин навиштани корҳои курсӣ ва дипломӣ, курсҳои махсуси лексионӣ ва амалӣ барои донишҷӯён метавонад бевосита хизмат кунад.

Таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Қадам барои амиқтар аз худ кардани таъриху фарҳанги тоҷик, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва завқи эстетикии ҷомеа низ беманфиат нахоҳад буд. Натиҷаҳои диссертатсияро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо зимни дарсҳои назариявию амалии робитаҳои адабӣ, таърихи адабиёт, нақди адабӣ истифода намуд. Ҳамчунин, диссертатсия метавонад, дар навиштани асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Мутобиқи мақсаду вазифаҳои диссертатсия** зимни таҳлили илмии мавод аз усулҳои таърихӣ, оморӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, шинохти осори адабӣ инчунин таҳқиқот ва дастурҳои назарии донишмандон ва муҳаққиқони таърихи тарҷума ва назарияи он ба кор гирифта шудааст.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар он зуҳур меёбад, ки мавзӯи "Рӯзгор ва осори Мирзо Қадам" дар адабиёти нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри XX, махсусан ҳавзаи адабии Роғ, ҳамаҷониба то кунун мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Бинобар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионии мавриди назар ин масъала бори нахуст бо назардошти талаботи илми адабиётшиносии муосир мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 26 декабри соли 2019 дар бораи ба Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 25 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 22 нафар

иштирок дошт, ки аз ин 7 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик мебошанд, дар ҷаласа иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 22 нафар, «зид» - нест «баргаҳои беэътибор» - нест

Баромади Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна дар мавзӯи «Рӯзгор ва осори Мирзо Қадам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор **Саидҷаъфаров Озод**, номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Шарипов Шарифҷон Рахмонович** ва тақризҳо ба автореферат шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна дар мавзӯи «Рӯзгор ва осори Мирзо Қадам" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои илмии чопкардаи унвонҷӯй мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик дода шавад.
4. Аз Комиссияи Олии Атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷикро диҳад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Ҷаматов С.С.**
**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Мирзоалиева А.Ш.**

**26 декабри соли 2019**